Литсейи Оғохон
Хадамоти Оғохон оид ба маориф дар Тоҷикистон

# НИЗОМНОМАИ
# Маркази захираҳои таълимии (МЗТ) литсейи Оғохони шаҳри Хоруғ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур мақоми ҳуқуқӣ ва ташкили самтҳои асосии фаъолияти Маркази Захираҳои Таълимии (МЗТ) литсейи Оғохони шаҳри Хоруғро муайян менамояд.
2. МЗТ фаъолияти худро дар асоси Оинномаи литсейи Оғохон ва Низомномаи мазкурро ба роҳ мемонад. Мақсади маркази мазкур фароҳам овардани шароити мусоид барои кору омӯзиши мустақилона, таъмин намудани дастрасӣ ба иттилооту ғояҳо, роҳнамоии кормандон, омӯзгорону хонандагони литсей дар дарёфти манбаъҳои иттиллотҳои чопӣ ва электронӣ, тарғиби китобу китобхонӣ, назорати доимӣ нисбати истифодаи маводҳои иттиллоотӣ ва ҳифзи онҳо, ғанӣ гардонидани фонди адабиётҳои бадей, методӣ, илмию техникӣ, махзанҳои электронӣ, гузаронидани чорабиниҳои мухталиф, таъмир ва тармими ҳуҷҷатҳо, тақсимоти китобҳои дарсӣ ва бозпас гирифтани онҳо, тартиб додани феҳристи анъанавӣ ва феҳристи электронӣ, сарчашмаҳои фосилавӣ, пайвандҳои муфид (сайтҳо) мебошад.

## 2.САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБХОНА

**Ӯҳдадориҳои МЗТ**:

- Барои истифодабарандагон имконияти истифодаи тамоми захираҳои иттилоотии МЗТ-ро фароҳам орад;
- Бо назардошти дархост ва талаботашон ба муштариён хизматрасонии фаврӣ ва босифатро пешниҳод менамояд;
- Дар сурати мавҷуд набудани адабиёт зарурӣ барои истифодабарандагон кормандони МЗТ метавонанд аз дигар китобхонаҳо дастрас кунанд;
- Барои гузаронидани корҳои машваратӣ, мусоидат дар ҷустуҷӯ ва интихоби нашриёҳои зарурӣ ва ҷустуҷӯи маълумот дар интернет кӯмак мерасонад;
- Намоишҳои адабиёти нав, маҳфилҳои илмӣ-адабӣ, бозиҳо, ҷашнҳо ва дигар чорабиниҳоро ташкил медиҳад;
- Такмили кор бо истифодабарандагон бо истифодаи технологияҳои пешрафтаи компютерӣ ба роҳ мемонад;
- Ба таври мунтазам барои баргардонидани саривақтии китобҳои гирифташуда ва дигар таҷҳизоти техникӣ назорат мекунад;
- Бехатарӣ ва истифодаи оқилонаи фондҳои китобхонаро таъмин менамояд, шароити зарурироро барои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, китобҳои электронӣ,дискҳо ва проекторо таъмин менамояд.
- Таъмири саривақтии китобҳои дарсиро байни кормандон ва ризокорони МЗТ ва худи хонандагон ба роҳ мемонад;
- Мусоидат ба ташаккули китобхона ҳамчун як маркази кор бо китобҳо ва иттилоот;
- Шароити мусоиди корӣ барои хонандагон фароҳам меоварад;
- Шароити кор тибқи талаботи муассисаи таълимӣ таъмин менамояд;

- Омӯзгорон ва хонандагонро бо маводҳои чопӣ ва ғайричопӣ таъмин намуда, истифодабарии онҳоро пайгирӣ менамояд.
- Кӯмаки саривақтӣ ба истифодабарандагон оид ба дарёфти маълумоти лозимӣ, аз адабиётҳои мавҷуда ва интернет.
- МЗТ фаъолияташро мустақиман дар бинои асосӣ, ки дорои маводҳои чопӣ , таҷҳизоти компютерӣ, ҷойҳои махсус барои кору мутоила ва ғайримустақим дар ҳамкорӣ бо роҳбарони кабинетҳои фаннӣ ба роҳ мемонад.
- МЗТ ваколатҳои худро ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои мусоиди фаъолияти меҳнатӣ, ҳуқуқӣ ва моддию техникӣ, маъхазҳои электронӣ, адабиётҳои илмию техникиро ва маълумотҳои иттилоотӣ мебошад.
- Низомномаи мазкур истифодаи захираҳои маводҳои таълимӣ ва иттилоотии литсейи Оғохонро танзим мекунад ва кормандони литсей ҳуқуқ доранд аз маводҳои МЗТ ройгон истифода баранд.

*МЗТ имконият медиҳад, ки аз захираҳои иттилоотии зерин истифода баранд:*

- фонди китоб (дарсӣ-таълимӣ, методӣ, бадей, илми оммавӣ, адабиёти истинодӣ)
- фонди нашрияҳои даврӣ (маҷаллаҳо, рӯзномаҳо)
- фонди CD, сабти овоз ва видео, пойгоҳи додаҳои компютерӣ, интернет, воситаҳои техникӣ проектор,экранҳои намоишдиҳӣ, ДВД,магнитофон.
- тартиби кори китобхона аз ҷониби директори литсей тасдиқ карда мешавад ва ба вақти кории мактаб мувофиқат мекунад.

*Номи расмии Маркази захираҳои таълимӣ :*

1. бо забони давлатӣ дар шакли пурра - Маркази захираҳои таълимӣ; дар шакли мухтасар - МЗТ;
2. бо забони русӣ дар шакли пурра – Центр учебных ресурсов-ЦУР
3. бо забони англисӣ дар шакли пурра – Learning Resource Centre: дар шакли мухтасар - LRC.
4. Суроғаи ҷойгиршавии МЗТ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Мирзонаботов18.

## 3.Ҳуқуқ ва вазифаҳои истифодабарандагон

**Истифодабарандагон ҳуқуқ доранд:**

1. аз хидматрасониҳои иттилоотии ройгон дар ММТ истифода баранд:
2. дар бораи таркиби фонди китобхона, захираҳои иттилоотӣ ва хидматҳое, ки китобхона пешниҳод мекунад, маълумоти пурра гирад;
3. гирифтани кӯмаки машваратӣ дар ҷустуҷӯ ва интихоби манбаъҳои иттилоот;
4. барои истифодаи муваққатӣ дар обуна ва дар толори хониш нашрияҳо, ҳуҷҷатҳои аудиовизуалӣ ва дигар манбаъҳои иттилоотро гирад;
5. гирифтани маълумотномаҳои мавзӯӣ, воқеӣ, возеҳ ва библиографӣ аз рӯи фонди китобхона;
6. дар кор бо иттилоот дар бораи Воситаҳои ахбори омма (ВАО) ғайрианъанавӣ ҳангоми истифодаи таҷҳизоти электронӣ ва таҷҳизоти дигар кӯмаки машваратӣ гирад;
7. аз захираҳои Интернет истифода барад;
8. истифода бурдани китобҳои дарсии электронӣ, дастурҳои таълимӣ , ки дар фонди хониш мавҷуданд;

9. кор бо барномаҳои таълимӣ оид ба CD, ки аз ҷониби МЗТ аз фонди нашрияҳои мултимедиявии китобхонаҳои мактабӣ, инчунин CD -ҳои шахсӣ бароварда шудааст;
10. маълумоти заруриро дар васоити электронии шахсӣ пас аз санҷиши он бо барномаи антивирусе, ки дар компютер насб шудааст, захира кунанд;
11. чоп, нусхабардорӣ, нусхабардории маълумоти зарурӣ, бо риояи ҳуқуқи муаллиф.
12. дар чорабиниҳои ММТ фаъолона ширкат кунанд;
13. махфияти маълумоти корбарон ва рӯйхати маводи хонданашударо таъмин мекунад;
14. истифодабарандагон дар алоҳидагӣ ҳамчун муштарӣ сабт карда мешаванд.
15. барои ҳар як истифодабаранда, шакли намунаҳои электронӣ муқарраршуда пур карда мешавад.
16. ҳангоми сабт, истифодабарандагон бояд бо қоидаҳои истифодаи китобхона шинос шаванд ва иҷрои ӯҳдадории онро тасдиқ кунанд.
17. бақайдгирии электронии истифодабарандагон, ҳуҷҷатест, ки санаи додан ва баргардондани китоб ва дигар маводҳои таълимиро нишон медиҳад.

**4. Тартиби истифодаи китоб ва дигар маводҳои МЗТ**

- мӯҳлатҳои ниҳоии истифодаи маводҳои МЗТ:
- китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ – дар давоми соли хониш;
- адабиётҳои илми-оммавӣ бадей - 15 руз;
- матбуоти даврӣ, нашрияҳои даврии серталаб - 15 рӯз;
- воситаҳои техникӣ (проектор, ДВД,экрани намоишдиҳӣ, магнитофон СД-дискҳои таълимӣ ва бадеӣ) мувофиқи ҷадвали дарсӣ ё чорабинии ба нақшагирифта.
- Мӯҳлати истифодаи китобҳо ва таҷҳизоти техникӣ метавонад вобаста ба талабот аз тарафи дигар истифодабарандагон дароз карда шавад ё кӯтоҳ карда шавад.
- Адабиётҳои нодир, энсиклопедиҳо, луғотҳо танҳо дар толори МЗТ ба истифодабарандагон дода мешаванд.
- Истифодабарандагони маводҳо вазифадоранд, ки қоидаҳои истифодаи МЗТ-ро риоя намоянд.
- Истифодабарандагон вазифадоранд ба китобҳо ва дигар маводҳои техникӣ, ки аз хазинаи МЗТ мегиранд, эҳтиёткорона истифода намоянд, онҳоро дар вақти муайяншуда супоранд, агар дар дафтарчаи китобгирӣ қайд нашуда бошанд, аз бинои китобхона берун набароранд, дар онҳо ҳеҷ гуна қайдҳо нагузоранд.
- Истифодабарандагони МЗТ вазифадоранд, ки ҳангоми гум кардан, ва ё даронидани нашрияҳо, онҳоро бо ҳамон гуна нашрияҳо ва ё нашрияҳои баробарвазн иваз намоянд, агар ин гуна имконият мавҷуд набошад, қиммати китоб, маҷалла ва дигар маводи иттилоотиро бо нархи бозории он бояд ҷуброн намоянд.
- Барои гум кардани 1 (як) адад китоб аз хонанда ва ё корманди литсей ба миқдори 3(се) адад китоби баробарвазн ба китоби гумкарда, ё худи китоб талаб карда мешавад.

**5. Фаъолияти кабинетҳои фаннии МЗТ**

1. Масъалаи ташкил ва таҷҳизонидани кабинетҳои фаннӣ дар литсейи Оғохон, тибқи нишондоди Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ барои солҳои 2011-2015 ба роҳ монда шудааст.

2. Кабинетҳои фаннии таълимӣ назди МЗТ-и литсейи Оғохон бояд ба ташаккулёбии фарҳанги шахсии хонандагон, ба интихоби таҳсилоти иловагӣ, бозомӯзӣ, омӯзишии техника ва технологияи иттилоотии муосир мусоидат намоянд.
3. Фаъолияти кабинетҳои фаннӣ ба такмили роҳу усулҳои таълим таъсир расонида, тавассути таҳсилоти босифат тафаккури эҷодӣ ва маҳорати фикррониии хонандагонро батадриҷ беҳтар мегардонад;
4. Муҷаҳҳазгардонӣ ва ороиши кабинетҳои фаннӣ литсей ба талаботи зебоипарастӣ, таълимию тадқиқотии раванди таълим ҷавобгӯ буда, тибқи талабот истифода бурда мешаванд.
5. Дар литсей 9- кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (физика, химия, биология, география, математика, технологияи информатсионӣ ва фанҳои гуманитарӣ забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус, таърих) ташкил шуда, мавриди истифода қарор доранд.
6. МЗТ инчунин бо 13 синф-кабинетҳои синфҳои ибтидоӣ (1-4) алоқа дошта, теъдоди китобҳои дарсӣ ва бадеиро, ки ҳамчун тӯҳфа ба литсей аз тарафи дигар созмону идораҳо дохил шудаанд, ба ҳисоб мегирад.

**6. Тартиби кор бо компютер.**

- Истифодабарандагон пеш аз кор бо компютер, худро бояд дар дафтари қайд номнавис кунанд, вақти ҷудошуда барои кор дар компютер барои як истифодабаранда (хонанда) 30-дақиқа мебошад, барои омӯзгорон-1 соат.
- Дар як компютер на бештар аз ду нафарро дар як вақт кор кардан мумкин аст.
- ба кор даровардан ё хомӯш кардани компютер танҳо аз ҷониби кормандони МЗТ сурат мегирад.
- Барои ҷустуҷӯи маълумот аз интернет истифодабарандагон метавонад аз кормандони МЗТ кӯмак гирад.

7. **Тартиби додугирифти китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ**

   - Китобҳои дарсӣ дар аввали соли хониш дода мешаванд, ҳар як роҳбари синф алоҳида бо варақаи рӯйхат, ки он шумора ва ҳолати китобҳои дарсиро нишон медиҳад. Дар санади доду гирифт имзои Менеҷери МЗТва роҳбари синф гузошта мешавад.
   - Далели ба истифода додани китоб дар "Журнали додани китобҳои дарсӣ" сабт карда мешавад.
     Роҳбари синф китобҳоро дар байни хонандагон тақсим мекунад, ва дар давоми соли таҳсил ҳолати нигоҳдошти онҳоро назорат мекунад.
   - Дар охири соли таҳсил, китобҳои дарсӣ пурра ба МЗТ супорида мешаванд, ки он дар “Журнали додани китобҳои дарсӣ” сабт карда мешавад. Ҳолат ва шумораи китобҳои дарсӣ дар санади додугирифт, қайд карда мешавад.
   - Ҳангоми зарурат додани китобҳои дарсӣ дар давраи таътили тобистон, бо аризаи хонанда ё волидайн ба номи директори мактаб сурат мегирад.
   - Супоридани китобҳои дарсӣ мувофиқи ҷадвали тартибдодаи менеҷери МЗТ сурат мегирад.
     Хонандагони синфҳои хатмкунанда вазифадоранд, ки пеш аз гирифтани шаҳодатномаи хатм имзои менеҷери МЗТ-ро дар варақаи аз корравӣ гиранд.